# Сиёсати ширкати CCI оиди ҳуқуқи инсон

CCI'M HUMAN

Дар ширкати “Coca-Cola İçecek” (CCI) зиёда аз 10,000 нафар дар кишварҳои Ироқ, Қазоқистон, Озарбойҷон, Покистон, Сурия, Тоҷикистон, Туркия, Туркманистон, Урдун ва Узбекистон кору фаъолият менамоянд.

## Риояи ҳуқуқи инсон

Риояи ҳуқуқи инсон арзиши бунёдии ширкати CCI мебошад. Мо ҳангоми муомила бо кормандон, таҳвилдиҳандагон ва шариконии кории худ, ва инчунин иттиҳодияҳое, ки мо дар онҳо кор мекунем, барои риоя ва тақвияти ҳуқуқи инсон талош менамоем. Сиёсати мазкур дар асоси меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мебошад, ки дар Эъломияи умумиҷаҳонии ҳуқуқи башар, аз ҷумла дар Лоиҳаи байналмилалии ҳуқуқ, Эъломияи соли 1998 Созмони байналмилалии меҳнат дар бораи усулҳо ва ҳуқуқҳои асосии меҳнат, Паймони Ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид, ва Усули роҳнамои СММ оиди тиҷорат ва ҳуқуқиинсон қайд гардидаанд.

Сиёсати мазкур ба ширкати “Coca-Cola İçecek”, шахсони ҳуқуқии таҳти идораи мо, шахсони ҳуқуқие, ки мо дар онҳо бастаи назоратии саҳмияҳоро дар ихтиёр дорем, ва иншооте, ки мо онҳоро идора менамоем, паҳн мешавад. Инчунин ширкати CCI аз таҳвилдиҳандагон ва шарикони тиҷоратии худ умедвор аст, ва онҳоро ташвиқ менамояд, ки ин усулҳоро аз худ намуда, сиёсатҳои ба ин монандро дар доираи тиҷорати худ қабул намоянд.

Мо барои ошкор ва бартараф намудани хатарҳои поймолшавии ҳуқуқи инсон дар байни кормандон ва занҷираи истеҳсолии худ хеле эҳтиёткорона амал менамоем. Агар мо паёмадҳои манфиро нисбати ҳуқуқи инсон ошкор намоем, ки он дар натиҷа ё аз сабаби фаъолияти кории мо рух дода бошад, мо ӯҳдадор мешавем, ки онҳоро ба таври одилона баркарор созем, ва ё дар ин замина бо онҳо ҳамкорӣ намоем. Агар чунин таъсироти манфӣ аз мо вобаста бошад, ва ё агар аз тариқи ҳамкориямон бо шахсони сеюм ба онҳо ҷалб шуда бошем, мо барои дастрасӣ ба барқарории онҳо мусоидат менамоем.

Сиёсати ҳуқуқи инсон аз ҷониби Кумитаи иҷроии ширкати CCI назорат карда мешавад.

## Ҳамкорӣбо ҷомеа ва тарафҳои манфиатдор

Дар ҳақиқат, мо ҳам қисмате аз он ҷомеае ҳастем, ки дар он кору фаъолият менамоем. Мо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нафарон ва гурӯҳҳое, ки дар байни онҳо осебпазир ҳастанд ва дар ҳолати ногувор қарор доранд, оиди масъалаҳои ҳуқуқи инсон, ки барои онҳо муҳим ҳастанд, аз тариқи муколама ҳамкорӣменамоем, ва гуфтаҳо ва ақидаҳои онҳоро ба назар мегирем. Ба назари мо масъалаҳои маҳаллӣ бояд дар сатҳи маҳаллӣ ҳаллу фасл шаванд. Дар ҳолати имкон, мо бо доираи васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тарафҳои манфиатдор оиди масоили ҳуқуқи инсон, ки ба фаъолияти мовобаста мебошанд, ҳамкорӣ менамоем.

## Гуногунӣ ва саҳмгузорӣ

Мо ба гуногунӣ ва саҳмгузории одамоне, ки бо онҳо кор мекунем, арҷ мегузорем ва онро ташвиқ менамоем. Мо барои таъмини шароити баробар ба ҳама талош мекунем, ва сабаби асосии ба кор қабул кардан, пешравӣ дар хизмат, мукофотонидан ва пешрафти коргарон дар ширкати CCI сатҳи ихтисос, омодагӣ, маҳоратҳо, таҷрибаи онҳо мебошад. Гуногунии қувваикорӣ барои расидан ба ҳадафҳоямон хеле муҳим мебошад. Ҳамин тавр, мо истеъдодҳоро аз қишрҳои гуногуни ҷомеа бодидгоҳҳои таҳаммулпазир ҷалб, пешбарӣ ва ҳифзменамоем.

## Худсарона риоя накардани ҳуқуқи дигарон

Мо пайваста талош мекунем, ки дар ҷои кори мо ягон хел маҳдудсозии ҳуқуқ, таъқиб ва таҳқир дар асоси нажод, ҷинс, ранги пӯст, асли миллӣ ё иҷтимоӣ, қавмӣ, динӣ, синну сол, нотавонӣ, майли ҷинсӣ, муайянсозӣ ё изҳори ҷинсӣ, ақидаи сиёсӣ ё ҳар гуна мавқеъгирӣ, ки тавассути қонунгузории амалкунанда ҳифз шудаанд, вуҷуд надошта бошад. Мо нисбати маҳдудсозии ҳуқуқ, таъқиб, рафтори беҳурматона ва номуносиб, муносибати ноодилона ё ҳар гуна таъқибро таҳаммул нахоҳем кард. Мо ба ягон навъи таъқиб дар ҷои кор ва дар ягон шароити ба кор алоқаманд дар берун аз ҷои кор иҷозат намедиҳем.

## Озодии иттиҳодияҳо ва музокираи коллективӣ

Мо ба ҳуқуқи коргаронамон дар заминаи ин, ки бе ягон тарс аз ҷазодиҳӣ, тарсонидан ё таъқиб ҳар гуна иттиҳодияи меҳнатӣ ташкил диҳанд, ва оиди ҳамроҳ шудан ё нашудан ба онҳо тасмим гиранд, эҳтиром мегузорем. Дар ҳолатҳое, ки коргарон аз ҷониби иттифоқи аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият шинохташуда муаррифӣ мешаванд, мо кӯшиш менамоем, ки бо намояндагони интихобкардаи онҳо музокираи мусолиматомез ба роҳ монем.

## Ҷоикори бехатар ва солим

Бехатарӣ ва солимии кормандони мо аҳамияти хеле калон дорад. Сиёсати мо аз он иборат мебошад, ки ҷои кори бехатар ва солимро таъмин намуда, қонунҳо ва қоидаҳои амалкунанда, ва талаботи дохилӣ оиди бехатарӣ в солимии меҳнатро риоя намоем. Мо бо машварати кормандонамон, аз тариқи ошкор ва бартараф кардани хатарҳои ҳолатҳои ногувор, осебҳо ва таъсири онҳо ба тандурустӣ, дар заминаи таъмин ва ҳифзи ҷои кори бехатар, солим ва маҳсулнок кор карда истодаем.

## Бехатарии ҷои кор

Мо талош менамоем, ки дар ҷои кор ягон хел зӯроварӣ, таъқиб, тарсонидан набошад, ва аз сабаби таҳдидҳои дохилӣ ё беруна ягон шароити хатарнок, харобиовар ва нооромкунанда ба вуҷуд наояд. Дар ҳолати зарурӣ барои бехатарии кормандон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд, ва онҳо бо риояи махфият, шӯҳрат ва шаъну эътибори кормандон амалӣ карда мешаванд.

CCI'M HUMAN

## Меҳнати иҷборӣ ва қочоқи инсон

Мо истифодабарӣ аз ҳар гуна меҳнати иҷборӣ, аз ҷумла кор дар зиндон, меҳнати асирон, ҳарбиҳо, шаклҳои муосири ғуломдорӣ ва шаклҳои гуногуни қочоқи инсонро манъ кардаем.

Меҳнати кӯдакон

Мо ба кор қабул кардани нафарони синнашон аз 18 камтарро барои кор дар вазифаҳое, ки кори хатарнокро талаб мекунанд, манъ кардаем.

## Соатҳои корӣ, музди маош ва имтиёзҳо

Мо сиёсати музди маошро ба таври рақобатӣ вобаста ба соҳа, бозори меҳнати маҳаллӣ ва мутобиқ бо шартҳои амалкунандаи шартномаҳои коллективӣ ба роҳ мондаем. Мо фаъолиятамонро бо риояи комили қонунгузориҳои амалкунанда, аз ҷумла оиди музди маош, соатҳои корӣ, соати кории иловагӣ ва имтиёзҳо ба роҳ мондаем. Мо ба кормандон имкониятҳоеро фароҳам месозем, ки бо ин роҳ онҳо қобилият ва тавоноиҳои худро рушд медиҳанд, ва шароити пешравӣ дар вазифаро пайдо мекунанд.

## Ҳуқуқ ба замин ва манобеи обӣ

Мо паёмадҳои назарраси эҳтиром ба ҳуқуқи инсонро нисбати истифодабарии замин ва об дар занҷираи таъини нарх медонем, ва мо онҳоро аз тариқи сиёсат ва фаъолияти муайян ба роҳ мондаем. Мо дар асоси сиёсатамон оиди муҳити зист, ба эҳтиёҷоти инсон ба таъмини доимӣ бо об, оби ошомидании бехатар эҳтиром мегузорем, ва аз тариқи таъмини шароити санитарии муносиб барои ҳифзи ҳам экосистема ва ҳам ҷомеа талош менамоем".

## Роҳнамо ва ҳисобот барои коргарон

Мо ҳамеша барои ташкили ҷои коре талош менамоем, ки дар он муошарати озод ва самимона байни ҳамаи коргарон арҷгузорӣ ва эҳтиром карда мешавад. Дар ҳар ҷое, ки мо кор кунем, ширкати CCI вазифадор аст, ки қонунҳои амалкунанда дар бораи меҳнат ва шуғлро риоя намояд. Ширкати CCI инчунин аз тариқи омӯзишдиҳӣ ва раванди ҳарсолаи додани сертификат кормандонро дар бораи Сиёсат дар соҳаи ҳуқуқи инсон огоҳ менамояд

Агар ягон корманд ба хулосае ояд, ки байни забони сиёсат ва қонунҳо, расму оинҳо ва таҷрибаҳои маҳалли ҷои кори ӯ ихтилофоте вуҷуд дорад, ва ё агар дар бораи ин сиёсат саволе дошта бошад, ё дар бораи риоя нагардидани сиёсати мазкур ба таври махфӣ гузориш додан хоҳад, ӯ бояд он масъаларо бо  онҳоро бо Роҳбарияти маҳаллӣ, Шӯъбаи кадрҳо, Кормандони маҳаллӣ оиди ахлоқ ё Масъули гурӯҳ оиди ахлоқ дар миён гузорад

Илова бар ин, кормандон дарбораи риоя нашудани эҳтимолии сиёсат аз тариқи вебсайти интернетии муҳофизатшудаи хатти ахлоқии ширкати CCI дар нишонии http://www.cciethicsline.com/, ё аз тариқи занг ба рақами: +90 212 371 07 32, ё ирсоли мактуб

ба почтаи электронии: CCI@cciethicsline.com гузориш дода метавонад. Барои ба миён гузоштани масъала оиди сиёсати мазкур нисбати ягон коргар ҳеҷ гуна чораҳои ҷазоӣ ё ҷавобӣандешида намешавад. Ширкати CCI масъалаҳои кормандонро баррасӣ, ҳал ва ба он аксуламал нишон медиҳад, ва нисбати ҳар гуна ҳуқуқвайронӣ чораҳои ислоҳии муносиб меандешад.

Сиёсати ҳуқуқи инсон бо Кодекси ахлоқии ширкати CCI мутобиқ мебошад. Сиёсати мазкур, аз ҷумла тарҷумаҳо ва маълумоти вобаста ба онро дар сайти интернетии ширкат : http://www.cci.com.tr дастрас намуда метавонед.

## Ҳисоботи оммавӣ

Мо дар асоси Сиёсати мазкур ба аҳли ҷомеа дар бораи ӯҳдадориҳо, шартҳо ва баёнотамон оиди ҳуқуқи инсон ҳамчун қисмате аз Ҳисоботи солонаи худ дар бораи рушди устувор гузориш медиҳем. Дар ин ҳисобот аз Усулҳои роҳнамои тарзи ҳисоботдиҳии СММ истинод оварда шудааст.

Ширкати CCI дар ҳар замони дилхоҳ ба сиёсати мазкур тағйирот ворид карда метавонад. Ягон чиз дар ин сиёсат баёнгари мавҷуд будани шартнома байни ширкати CCI ва кормандони он нест, ва ё иштирок дар ин барнома идомаи кору фаъолият дар ширкати CCI-ро кафолат намедиҳад.